«Тасдиқ мекунам»
Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
________А.Қурбониён
"_____"__________2016

«Тасдиқ мекунам»
Вазири маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
________Нуриддин Саид
"____"____________2016

# ДАСТУРАМАЛ ОИД БА ҶАМЪОВАРӢ ВА ИСТИФОДАБАРИИ МАБЛАҒ БАРОИ НИГОҲУБИНИ КӮДАКОН ВА ДИГАР МАНБАЪҲОИ ДАРОМАД ДАР МУАССИСАҲОИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБӢ

## 1. Қоидаҳои умумӣ

Дастурамали мазкур дар асоси моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хазинадорӣ”, моддаи 30 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2016, №150 “Дар бораи пардохти маблағ барои нигоҳубини кӯдакон дар муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ”, банди 12 Дастурамал “Оиди баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷети давлатӣ”, ки бо фармоиши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2010, №16 тасдиқ шудааст, бо мақсади ба низом даровардани банақшагирӣ, даромад ва хароҷоти маблағҳои махсуси муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ таҳия гардида, минбаъд низоми пардохти маблағро барои нигоҳубини кӯдакон дар муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ муқаррар менамояд.

1. Маблағҳои махсуси муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ аз ҳисоби маблағҳои падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) барои нигоҳубини кӯдак, кӯмакҳои молиявӣ, эҳсонкорӣ, грант, хизматрасонии иловагии пулакӣ ва дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст ташаккул меёбанд.
2. Муассисаи давлатии таълимии томактабӣ дар суратҳисоби ягонаи хазинадории маҳаллӣ ворид гардида, хароҷоти онҳо аз ҳамин суратҳисоб амалӣ карда мешавад.
3. Муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ вазифадоранд, ки дастурамали маблағҳои махсусро таҳия ва дар якҷоягӣ бо мақомоти молияи шаҳру ноҳия дар мӯҳлати муайяншуда тасдиқ намуда, номгӯй ва намуди хизматрасониҳоро ҳамчун сарчашмаи даромади маблағҳои махсус ва самти хароҷоти онро ба таври мушаххас дарҷ намоянд.
4. Ҷиҳати мақсаднок истифода намудан ва ба низом даровардани шаффофияти воридшавии маблағҳои падару модар барои нигоҳубини кӯдак, инчунин, тақвият бахшидани ҳамкории муассисаи давлатии таълимии томактабӣ бо падару модар бояд байни муассисаи давлатии таълимии томактабӣ ва падару модар Шартномаи тарафайн ба имзо расонида мешавад, ки муносибатҳои мутақобилаи байни муассисаи давлатии таълимии томактабӣ ва падару модари (шахсони онҳоро ивазкунанд) кӯдакро ба танзим медарорад.

5. Падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) вазифадоранд маблағ барои нигоҳубини кӯдакро то санаи 10-уми ҳар моҳ ба воситаи суратҳисоби ягонаи хазинадории суратҳисоби махсуси муассисаи давлатии таълимии томактабӣ пардохт намоянд.

6. Ҷамъоварии маблағ барои нигоҳубини кӯдакон аз тарафи кормандони муассисаи давлатии таълимии томактабӣ қатъиян манъ мебошад.

7. Барои нигоҳубини кӯдак дар муассисаҳои (гурӯҳҳои) томактабии дорои касалиҳои сил, муассисаҳои (гурӯҳҳои) томактабӣ барои кӯдакони аз ҷиҳати ақлӣ ва ҷисмонӣ носолим (карҳо), камшунавоён, нобиноён, нутқи халалёфта, ноқисулақл ва дар ҳама муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ аз кӯдакони ятими кулл, нимятим (падар ё модар надоранд) ва кӯдакони аз парастории волидайн маҳрум ва имконияташон маҳдуд соҳиби имтиёз буда, аз пардохти маблағ озод мебошанд. Дорандагони чунин имтиёзҳо бояд, ки ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаро ба муассисаи давлатии таълимии томактабӣ пешниҳод намоянд.

8. Дар ҳолати наомадани кӯдак ба муассисаи томактабӣ ҳангоми дар рухсатии падару модар, ё шахсони онҳоро ивазкунанда маблағ барои ин рӯзҳо гирифта намешавад.

9. Барои сари вақт ҷамъоварии маблағ падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва мудири муассисаи давлатии таълимии томактабӣ масъул мебошанд.

## 2. Андозаи маблағи пардохт барои нигоҳубини кӯдак дар муассисаи давлатии таълимии томактабӣ

10.Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2016, №150 андозаи пардохти маблағи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) барои нигоҳубини кӯдак чунин муайян шудааст:

| Шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ | Нишондиҳанда барои пардохт |
|---|---|
| Душанбе, Қӯрғонтеппа, Норак, Хуҷанд, Истаравшан, Конибодом, Бустон, Турсунзода, Ваҳдат (ба истисной ҷамоати деҳот), Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов, Спитамен ва Шаҳринав | 2 (ду) нишондиҳанда барои ҳисобҳо |
| Хоруғ, Исфара, Гулистон, Панҷакент, Роғун, Сарбанд, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб (ба истисной ҷамоати деҳот), Шуғнон, Зафаробод, Деваштич, Варзоб, Рашт, Файзобод, Нуробод ва Ёвон | 1,5 (якуним) нишондиҳанда барои ҳисобҳо |
| Дигар шаҳрҳо, ноҳияҳо ва шаҳраку деҳоти ҷумҳурӣ | 1 (як) нишондиҳанда барои ҳисобҳо |

11. Маблағи муқаррargардида барои нигоҳубини кӯдак дар баробари маблағгузории буҷетӣ ҷиҳати иҷро намудани талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешавад.

### 3. Хизматрасонии таълимии иловагӣ.

12. Муассисаи давлатии таълимии томактабӣ метавонад хизматрасонии таълимии иловагиро дар шакли ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои хориҷӣ, машғулият оид ба хореография, варзиши мавзун (ритмика), инчунин намудҳои дигари хизматрасонӣ тибқи талаботи Низомномаи намунавӣ ва Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда, тартиб ва шаклҳои он дар Шартномаи тарафайн инъикос мегарданд. Маблағи хизматрасонии иловагии таълимии пулакӣ бо муассис (муассисон), мақомоти дахлдори идоракунии маориф ва сиёсати зиддиинҳисорӣ мувофиқа карда мешавад.

### 4. Тартиби истифодабарии маблағҳои махсус.

13. Хароҷот ва истифодабарии маблағҳои махсус, аз ҷумла маблағи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) барои нигоҳубини кӯдак дар асоси сметаи ягонаи даромад ва хароҷот, ки тибқи тартиби муқарраргардида муассисаи буҷетӣ тартиб медиҳад, хароҷот карда мешавад. Сметаи ягонаи даромад ва хароҷот аз ҷониби мақомоти болоӣ (раёсат ва шуъбаҳои маориф) тасдиқ карда шуда, бо мақомоти молия дар маҳалҳо мувофиқа карда мешавад. Ихтиёрдори асосии маблағҳои махсус роҳбарони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ мебошанд, ки ба онҳо ҳуқуқи идоракунии маблағҳои буҷетӣ дода шудааст.

14. Тақсимоти маблағ бо назардошти эҳтиёҷоти муассиса сурат мегирад. Тавсия дода мешавад, ки зиёда аз 55 фоизи маблағ барои пардохти музди меҳнат сарф карда шавад.

15. Дар madди аввал маблағҳои махсус, аз ҷумла маблағҳои падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) барои беҳтар намудани ғизонокии хӯроки кӯдакон, ҳавасмандгардонии кормандони муассиса (мураббӣ, ёрдамчии мураббия ва доя), барои харидории захираҳои моддию молӣ, хизматрасонии коммуналӣ ва дигар хароҷот равона мегардад.

16. Барои истифодабарии маблағҳои махсус маъмурияти муассиса вазифадор карда мешавад:

- назорати доимии иҷроиши сметаи даромаду хароҷоти маблағҳои махсусро таъмин намояд;
- дар ҳолати хароҷоти маблағҳо бо таври нақдӣ сурат гирифтан муассиса ӯҳдадор мешавад, ки ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаро асоснок карда, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботҳои молиявиро таъмин намояд;
- дар доираи маблағҳои пешбинишуда барои харидорӣ, дастраси молу мавод ва дигар хизматрасониҳо бо ташкилоту корхонаҳои хизматрасон шартнома ба имзо расонанд;

17. Барои ғайримақсаднок истифода бурдани маблағҳо роҳбари муассиса, сармуҳосиб ва шахсони ҳисоботдиҳанда тибқи қонунҳои амалкунанда ҷавобгар мебошад